Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №155 (2982) | ҶУМЪА, 21 ДЕКАБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Зиёрати оромгоҳи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар шаҳри Қунияи Туркия

**Субҳи рӯзи 17 декабри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Қунияи Ҷумҳурии Туркия ташриф оварда, нахуст оромгоҳи Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румиро зиёрат кард ва бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ мулоқот намуд.**



Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар фурудгоҳи шаҳри Қуния бо эҳтирому самимияти хоса истиқбол гирифтанд.

Дар ин шаҳри зебои бостонӣ ӯ ва ҳайати ҳамроҳонаш, аз ҷумла намояндагони илму фарҳанги Тоҷикистон, нахуст оромгоҳи шоир, олим ва мутафаккири бузурги олами Шарқ Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румиро зиёрат намуда, барояш дуою фотиҳаи нек карданд. Тавре аён гардид, оромгоҳи ин пири ботадбир, ки зиёратгоҳи маҳбуби мардуми кишварҳои зиёди Шарқу Ғарб аст, ҳамеша пур аз зоирон аст.

Шоҳбайтҳое, ки дар болои дари даромадгоҳи оромгоҳ ва деворҳои чор паҳлуи он навишта шудаанд, аз эътиқоду эҳтироми баланди бузургони гузаштаю имрӯза ба осори ҷаҳоншумули Мавлоно гувоҳӣ медиҳанд:

**Каъбат-ул-ушшоқ бошад**
**ин мақом,**
**Ҳар кӣ ноқис омад,**
**ин ҷо шуд тамом.**

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо оромгоҳ ва осорхонаю қадамҷоҳои дигари Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ, ки ҳамагӣ зиёратгоҳҳои муборaки муридону ихлосмандони ин донишманди оламшумуланд, шинос шуд.

*www.president.tj*

## Эмомалӣ Раҳмон доктори ифтихории Донишгоҳи Мавлоно шуд

**17 декабри соли 2012 дар шаҳри Қуния Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Донишгоҳи Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ ташриф оварда, бо устодону донишҷӯёни он мулоқот намуд.**

Дар даромадгоҳи донишгоҳ меҳмони олимақомро ректори ин муассисаи бонуфузи таҳсилоти олии Туркия Баҳаттин Адам истиқбол гирифт.

Пас аз ворид шудани Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба толори маҷлисии донишгоҳ Сурудҳои миллии ду кишвари дӯст садо дод.

Дар оғози мулоқот қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи Мавлоно доир ба сарфароз гардондани Эмомалӣ Раҳмон бо унвони доктори ифтихории ин муассисаи бонуфузи илмию таълимӣ дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ қироат карда шуда, шаҳодатномаи ин унвони ифтихорӣ ба ӯ тақдим гардид.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба онҳо барои чунин қадршиносии олӣ арзи сипос карда, изҳор дошт, ки минбаъд низ барои таҳким ва густариши робитаҳои Тоҷикистону Туркия, аз ҷумла дар бахшҳои илму маориф ва фарҳангу маънавиёт, ҷаҳду талош мекунад.Дар суханронии Эмомалӣ Раҳмон ба нақши таълимоти ҷаҳоншумули Мавлоно дар рушди робитаҳои Тоҷикистону Туркия баҳои баланд дода шуд. Аз ҷумла таъкид гардид: «Мавлавии Рум боиси ифтихор ва сарфарозии ҳар яки мо ва умуман тамоми башарият аст. Ва ба яқини комил осори адабӣ ва фалсафию ирфонии ӯ минбаъд ҳам роҳи мову шуморо ба сӯйи оянда мунаввар хоҳад кард. Рӯҳи бузурги Мавлавӣ дар ҳамбастагӣ бо пайвандҳои таърихии мардумони Тоҷикистон ва Туркия робитаҳои хайрхоҳона ва созандаи кишварҳои моро низ шодоб менамояд».

*www.president.tj*

## Мулоқот бо донишҷӯёни тоҷик дар Туркия

**17 декабри соли 2012 дар Донишгоҳи Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо донишҷӯёни тоҷик, ки дар ин ва дигар мактабҳои олии Туркия таҳсили илму дониш мекунанд, суҳбати самимӣ анҷом дод.**

Тавре зикр гардид, дар мактабҳои олии Туркия наздики 350 донишҷӯйи тоҷик дар бахшҳои гуногун таҳсили илм мекунанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон онҳоро ба омӯзиши амиқи илму техникаи муосир ва истифодаи босамари имконоти фароҳи муҳайёгардида ҳидоят намуда, аз ҷумла таъкид дошт: «Ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш кард, ки шумо намояндагони миллати тоҷик, ворисони Мавлонои бузург мебошед, ки рӯҳи покаш дар хоки ин сарзамин нуҳуфтааст. Ин воқеият, агар аз як тараф, боиси сарфарозии шумо бошад, аз тарафи дигар, ба дӯшатон масъулияти азими пайвандгари анъанаҳои чандинасраи дӯстиву рафоқати халқҳои моро вогузор менамояд. Аз имкониятҳое, ки барои таҳсилу касбомӯзии шумо дар муассисаҳои таълимӣ фароҳам оварда шудааст, ба пуррагӣ истифода намоед, забон омӯзед ва дар ин замина ҷаҳонбинии худро васеъ гардонед».

Донишҷӯён низ дар навбати худ қавл доданд, ки хуб таҳсили илм карда, нақши пайвандгарии фарҳангу тамаддуни ду миллатро ба таври шоиста иҷро мекунанд ва ҳам мутахассисони баландпоя шуда, оянда барои Тоҷикистони азиз содиқона хизмат менамоянд.

*www.president.tj*






## Иштирок дар анҷумани соҳибкорони Тоҷикистону Туркия

**17 декабри соли 2012 яке аз чорабиниҳои муҳим дар шаҳри Қунияи Туркия, ки бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷараён гирифт, анҷумани соҳибкорону тоҷирони ду кишвар буд.**

Барои иштирок дар ин анҷуман беш аз 300 нафар соҳибкорони ду кишвар ҷамъ омаданд, ки нишон аз таваҷҷуҳи хоса ба рушди ҳамкорӣ дар ин сатҳ аст.

Зимни суханронии худ Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз рушди босуръату бонизоми ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Туркия изҳори қаноатмандӣ намуд. Аз ҷумла зикр гардид, ки дар соли 2011 ҳаҷми мубодилаи мол миёни ду кишвар зиёда аз 600 миллион доллари америкоиро ташкил дода, нисбат ба соли 2010 ба андозаи беш аз 180 миллион доллар афзуд.

Иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар қаламрави Тоҷикистон 53 корхонаи муштарак бо иштироки сармояи Туркия ба қайд гирифта шудааст, ки асосан дар соҳаҳои иқтисод ва тиҷорат, хизматрасонӣ, сохтмон ва қисман коммуникатсияву саноати коркард фаъолияти судманд ба роҳ мондаанд.

Ҳамчунин зикр гардид, ки теъдоде аз ширкатҳои туркӣ ба ҳайси иҷрокунандаи корҳо дар татбиқи чандин лоиҳаҳои сохтмонӣ ва зербиноии муҳими Тоҷикистон саҳмгир мебошанд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон имкону захираҳои фаровони истифоданашудаи ҳамкорӣ миёни ду кишварро бевосита муаррифӣ намуда, изҳори боварӣ намуд, ки сафари навбатии расмии ӯ ба Туркия ва мулоқоту музокироти сершумор бо роҳбарияти олии кишвар ва дигар сохторҳои он ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Таъкид гардид, ки соҳибкорону тоҷирони ду кишвар метавонанд дар ин раванд саҳми намоёну муассир дошта бошанд, зеро дар Тоҷикистон имрӯз фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ муҳайё гардидааст.

Дар охири анҷуман се санади муҳими ҳамкорӣ ба имзо расид:

Созишномаи ҳамкорӣ миёни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи саноат ва тиҷорати Туркия;

Ёддошти тафоҳуми Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Кока-кола»-и Туркия доир ба ҳамкорӣ;

Ёддошти тафоҳум миёни ширкати «Тамвил»-и Тоҷикистон ва ширкати «Туркмолл»-и Туркия доир ба ҳамкорӣ дар сохтмони Маркази истироҳати оилавӣ ва савдо дар шаҳри Душанбе бо ҷалби 50 миллион доллари америкоӣ.

*www.president.tj*

**●Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



## Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила қабул ва вобаста ба он ба санадҳои ҳуқуқии амалкунанда тағйирот ворид карда шуд

**Нуздаҳуми декабри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарбаргирии масъалаҳои зерин қабул шуд:

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» сухан ба муовини аввали вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Буриев Неъматҷон Ҳикматуллоевич дода мешавад.

**Неъматҷон БУРИЕВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» дар асоси супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, танзим ва назорати савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фаъолияти мазкур бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ба мол, кор ва хизматрасонии маишӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, муайян менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки соҳаи савдо ва хизматрасонӣ яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, ҳиссаи он дар ташаккули Маҷмуи Маҳсулоти Дохилии мамлакат назаррас мебошад, вале то ҳол қонуни соҳавии худро надорад ва ҳалли масъалаҳои баҳсноки танзими давлатии фаъолияти савдо ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни ин фаъолият, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва дигар масъалаҳои ҳалталаб тавассути санадҳои қонунгузории дигар соҳаҳо танзим мегардад, ки бештар хусусияти назоратӣ доранд.

Муҳимияти дигари масъала аз он иборат аст, ки тамоми шаҳрвандони кишвар, сарфи назар аз мавқеи иҷтимоию иқтисодиашон, иштирокчии фаъоли амалиётҳои савдо буда, талаботи моддию маънавии худро тавассути ин бахш қонеъ мегардонанд ва танзими муносибатҳои тарафайни онҳо бояд бо қонуни соҳавӣ баррасӣ шавад.



Мақсади асосии лоиҳаи қонуни мазкур аз таъмини фазои ягонаи иқтисодӣ, бо роҳи муқаррар намудани талабот ва пешниҳодот ҷиҳати ташкил ва анҷом додани фаъолияти савдо ва хизматрасонии маишӣ, қонеъ намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт ба молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, ташкили муҳити рақобатпазир, таъмини риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, таснифоти ваколатҳо байни мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иборат аст.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур имкон медиҳад, ки ҳолатҳои номатлуб дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ бартараф карда, барои рушди бозори истеъмолӣ шароити мусоид муҳайё гардад, сатҳу сифат ва маданияти хизматрасонӣ беҳтар карда шавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо корхонаҳои савдо ва хӯроки умумӣ бе риояи меъёрҳои сохтмонӣ, санитарӣ ва стандартҳо таъсис дода мешаванд, ки барои батанзимдарории фаъолияти онҳо дар сатҳи идоравӣ мақоми ҳамоҳангсоз муайян нашудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур сохтори идоракунии танзими фаъолияти савдо ва хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ муайян намуда, ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори соҳа ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро муқаррар менамояд.

Батанзимдарории давлатии фаъолияти савдо ва хизматрасонии маишӣ дар доираи лоиҳаи қонуни мазкур ва маҷмуи қоидаҳое сурат мегирад, ки риояи онҳо барои иштироккунандагони ҷараёни фаъолият ҳатмист ва аз тарафи мақоми ваколатдор таҳия гашта, онҳоро Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ менамояд.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур, ҳамчунин дар самти пешбурди сиёсати одилонаи нархгузорӣ, муқаррар намудани меъёри иловапулӣ дар савдои чакана, ба даст овардани маълумоти пурра доир ба ҳаракати мол ва ташкили хизматрасониҳо мусоидат менамояд.

Дар доираи амали лоиҳаи қонуни мазкур масъалаҳои беҳтар намудани хизматрасониҳои сифатнок ба аҳолӣ тавассути шабакаҳои савдо, муассисаҳои хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ, инчунин танзими фаъолияти иштирокчиёни он ҳалли худро пайдо менамоянд. Эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Шарофиддин Сироҷов дода мешавад.

**Шарофиддин СИРОҶОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 октябри соли 2012 лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида буд.

Лоиҳаи қонун бо мақсади асоснок ва воқеъбинона истифода бурдани тадбирҳои танзими давлатии савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, бартараф намудани дахолати беасоси мақомоти давлатӣ ба танзими савдои чакана, ҳимояи бозори молу хизматрасониҳои таъиноти истеъмолӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, таъмини интиқоли озоди молҳо ва хизматрасониҳои таъиноташон истеъмолӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз 7 боб ва 25 модда иборат мебошад. Бобҳои алоҳида ба назорати давлатӣ ва санҷиш дар соҳаи савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, гузаронидани санҷишҳо, масъалаҳои коргузорӣ, таъминоти кадрӣ, талаботи умумӣ ба кормандон, таълими тахассусии онҳо, омодагии касбӣ ва ҳамчунин гузаронидани муоинаи тиббӣ бахшида шудаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ»-ро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ ва барои такмили он 141 таклифу эрод пешниҳод намуданд.

Дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул 15 ноябри соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни зикргардида мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар натиҷа аз таклифу дархостҳои воридшуда 113-тоаш қабул, 12-тоаш қисман қабул гардида, 16-тоаш қабул нашуд. Таклифҳои қабулшуда дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд, ки онро боз ҳам мукаммал гардониданд.

Ҳамчунин бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров, бо сабаби ҷой доштани камбудиҳо, лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2012 таҳти №993 барои такмил ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия пасгардонида шуда буд.

Бо мақсади ислоҳ намудани камбудиҳои ҷойдошта бо иштироки намояндагони кумита, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаҳои дахлдори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкур бори дигар мавриди омӯзиш қарор дода, ба он зиёда аз 90 тағйиру илова ворид карда шуд.

Қисми 4 моддаи 16 дар таҳрири нав оварда шуд. Қисми 20 моддаи 14 хориҷ карда, қисмҳои 21 ва 22 мувофиқан қисмҳои 20 ва 21 ҳисобида шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед ва барои қабули он овоз диҳед.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Мулоқот бо Сарвазири Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайип Эрдоган



**Нимаи дуюми рӯзи 17 декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайип Эрдоган мулоқот намуд.**

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат, аз ҷумла изҳор дошт: «Боиси қаноатмандӣ аст, ки муносибатҳои муосири миёни кишварҳои мо имрӯз дар фазои эътимод, ҳусни ният ва созандагӣ муваффақона ҷараён дошта, фарогири ҳамаи самтҳои асосии ҳамкорӣ мебошанд».

Истифодаи босамари имконоти фаровони то ҳол истифоданашуда дар соҳаҳои ҳаётан муҳими ҳамкорӣ дар бахшҳои бунёдии иқтисодӣ, фарҳангу маориф ва дигар арсаҳо муҳим дониста шуд.

Ба саҳми арзишманди Агентии ҳамкории байналмилалӣ ва рушди Туркия, Дафтари он дар Тоҷикистон ва Комиссияи муштараки иқтисодӣ баҳои баланд дода шуд.

Ҳар ду ҷониб аз иқдоми нав дар хусуси таҳти роҳбарии Президенти Тоҷикистон ва Сарвазири Туркия таъсис додани Шӯрои ҳамкорӣ, ки раванди пешбурди самтҳои стратегии ҳамкории миёни ду кишварро ба уҳда хоҳад гирифт, ҷонибдорӣ намуданд.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки татбиқи амалии имкониятҳои мавҷуда дар соҳаҳои гуногуни сиёсӣ, тиҷорату иқтисод, энергетика, нақлиёт ва иҷтимоию гуманитарӣ ба нафъи ҳар ду тараф хидмат хоҳад кард.

Сарвазири Туркия аз ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо изҳори хушнудӣ карда, таъкид дошт, ки он метавонад омили афзоиши ҳаҷм ва тавсеаи структураи гардиши мол миёни ду кишвар гардад.

Пас аз анҷоми мулоқот ду санади ҳамкорӣ ба имзо расид:

Протоколи ҳошиявӣ оид ба бародаршаҳрӣ миёни шаҳри Кӯлоби Тоҷикистон ва шаҳри Қунияи Туркия;

Эъломияи муштарак миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба таъсиси Шӯрои ҳамкорӣ.

Тавре зикр гардид, ба Шӯрои ҳамкории ду кишвар аз ҷониби Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аз ҷониби Туркия Сарвазири он Реҷеп Тайип Эрдоган роҳбарӣ хоҳанд кард.

*www.president.tj*

# Изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарҷоми музокироти ҳайатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия

*18 декабри соли 2012, Туркия*

**Мӯҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Нахуст, мехостам дар ҳузури шумо бори дигар сипоси самимии хешро ба Ҳукумат ва мардуми кишвари дӯсти Туркия барои меҳмоннавозӣ ва ҳусни таваҷҷуҳ нисбати ҳайати Тоҷикистон иброз намоям.

Мо аз натиҷаҳои музокироти имрӯза, ки дар фазои ҳусни тафоҳум, эҳтироми мутақобила ва некхоҳӣ ба ҳамдигар баргузор гардиданд, қаноатмандем.

Ҷониби Тоҷикистон мулоқоту суҳбатҳои доиргаштаро идомаи мантиқии муколамаи созандаи байни роҳбарияти олии ду кишвар арзёбӣ менамояд.

Басо рамзист, ки сафари кунунии ҳайати Тоҷикистон ба Туркия давраи дар таърихи муосири муносибатҳои мо хотирмон – бистсолагии истиқрори равобити дипломатӣ миёни кишварҳоямонро анҷом мебахшад.

Тайи давраи сипаришуда ҳамшарикии кишварҳои мо марҳила ба марҳила рушд ёфта, имрӯз фарогири доираи васеи робитаҳои сиёсӣ ва ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисоду иҷтимоиёт мебошад.

Дар ин замина, мавзӯи муҳимтарини мулоқоту музокирот ин дарёфти роҳҳо ва воситаҳои густаришу таҳкими минбаъдаи онҳо буд.

Бо такя ба имкониятҳои зиёде, ки дар муносибатҳои ду кишвар мавҷуданд, мо хоҳишмандии худро ҷиҳати ғанӣ гардондани мазмуни ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаҳои бунёдии иқтисод ва бахшҳои воқеии он таъкид кардем.

Соҳаҳои гидроэнергетика, фаъолияти сармоягузорӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак дар бахшҳои истеҳсолии иқтисодиёт, аз ҷумла саноати нассоҷӣ ва кимиё, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ҳамчунин туризм ба ҳайси самтҳои ояндадор муқаррар карда шуданд.

Дар баробари ин, зарурати зиёд кардани ҳаҷми мубодилаи мол ва тавсеаи структураи тиҷорати мутақобила қайд гардид.

Мо бар он ақидаем, ки робитаҳои башардӯстона омили муҳими таҳкими заминаҳои иҷтимоии дӯстии безаволи байни мардумони Тоҷикистону Туркия мебошанд.

Вобаста ба ин, ҷониби Тоҷикистон ҳавасмандии худро ба тавсеаи муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ изҳор кард.

Дар раванди музокирот якчанд санадҳои дуҷониба ба имзо расиданд ва ин амрро мо боз як иқдоми дигари тарафҳо ҷиҳати такони тоза бахшидан ба ҳамкориҳои мутақобилан судманди худ дар соҳаҳои зикргардида арзёбӣ менамоем.

Ҳамзамон бо мавзуъҳои марбут ба муносибатҳои дуҷониба, мо масъалаҳои алоҳидаи мубрами ҳаёти байналмилалию минтақавиро мавриди мубодилаи афкор қарор додем.

Дар масоили сиёсӣ мо ҷонибдории худро аз идомаи ҳамшарикии созандаи байни ду кишвар бо мақсади дарёфти роҳҳои воқеии ҳаллу фасли мушкилоти минтақавию байналмилалии мавҷуда изҳор кардем.

Масъалаҳои таъмини амният ва тақвияти мубориза алайҳи таҳдидҳои замони муосир, ҳамчунин равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва вазъи Афғонистон аз ҷумлаи он мавзуоте буданд, ки ба онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон ва Туркия дар мавриди масъалаҳои мазкур назари муштарак ва ё бо ҳам наздик доранд.

Зимнан, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳояшонро дар ин самтҳо дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ тақвият бахшанд.

Бо нияти идомаи пурфайзи муколамаи байни ду кишвар дар сатҳи олӣ ман аз дӯсти худ, Президенти Ҷумҳурии Туркия- ҷаноби Абдулло Гул даъват ба амал овардам, ки дар фурсати барояшон муносиб ба Тоҷикистон сафари дӯстона анҷом диҳанд.

Умедворем, ки ин сафар саҳифаи наверо дар муносиботи дӯстонаи ду кишвар хоҳад кушод.

**Ташаккур.**

*www.president.tj*

# Тавофуқот дар бораи бунёди се корхонаи нави саноатӣ

**Тибқи чор санади нави ҳамкорӣ, ки дар охири анҷумани соҳибкорону тоҷирони Тоҷикистону Туркия ба имзо расид, бо ҷалби 122 миллион доллари амрикоӣ аз Туркия се корхонаи саноатӣ бунёд меёбад.**

Ёддошти тафоҳуми Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Кока-Кола»-и Туркия бунёди як корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои гуногунро бо ҷалби 70 миллион доллари амрикоӣ дар назар дорад.

Тибқи Ёддошти тафоҳум миёни ширкати «Тамвил»-и Тоҷикистон ва ширкати «Туркмолл»-и Туркия бо ҷалби 50 миллион доллари амрикоӣ дар шаҳри Душанбе як Маркази истироҳати оилавӣ ва савдо сохта мешавад.

Мувофиқи Созишномаи ҳамкорӣ миёни ширкати «Фаровон»-и Тоҷикистон ва ширкати туркии «Дегирменчи Кардешлар» бошад, дар ноҳияи Ҳисор корхонаи истеҳсоли орд бо иқтидори шабонарӯзии 150 тонна маҳсулот ва анбори ғалла бо ғунҷоиши 18 ҳазор тонна бунёд хоҳад ёфт. Корхона бо харҷи ду миллион доллари амрикоӣ бунёд меёбад ва дар он 150 нафар соҳиби кори доимӣ мегарданд.

Танҳо ҳамон рӯз миёни сохторҳои гуногуни Тоҷикистону Туркия шаш санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

*www.president.tj*

# Сафари корӣ ба Москва

**Шоми рӯзи 18-уми декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ҳамойишҳои навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё аз шаҳри Анқараи Ҷумҳурии Туркия ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия рафт.**

Дар ҳамойишҳои сарони давлатҳои ин ду созмони қаламрави пасошӯравӣ, мутаносибан масоили амнияту субот дар минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла авзои кунунӣ ва ояндаи Афғонистон ва масъалаҳои рушди ҳамкории иқтисодӣ ва механизмҳои муттаҳидсозии имконоти муштараки давлатҳои аъзои Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё баррасӣ мешаванд.

*www.president.tj*

# Иштирок дар маросими «Шаби Арус»

**Бегоҳии рӯзи 17 декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Қунияи Туркия дар маросими «Шаби Арус», ки манзур аз он ёдбуд аз Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ дар рӯзи вафоти ин шоиру орифи оламшумул мебошад, иштирок намуд.**

Ин маросим аз қироати пораҳо аз «Маснавии маънавӣ»-и Мавлои Балх, ғазалиёти ирфонии ӯ ва ашъори дигари тоҷикию туркӣ аз дигар шоирон, ки дар васфи ин мутафаккири олами Шарқ суруда шудаанд, ҳамчунин рақсу чархиши «самоъ» иборат аст.

Тавре аён гардид, забони аслии Мавлоно, яъне тоҷикии форсӣ имрӯз ҳам дар маросими «самоъ» ва ё мавлонохонӣ мақоми хос дорад.

Тибқи маълумоти муҳаққиқони маҳаллӣ, дар «самоъ» пӯсти сурх дар рӯйи фарш нишонаи ҳазрати Мавлоно Ҷалолидини Балхӣ аст. Мавлавиҳо, яъне пайравони Мавлоно дар оғози «самоъ» ба пӯсти сурх салом дода, ба ҷояшон гузашта менишинанд.

Ба болои пӯсти сурх Шайх омада менишинад ва заминро чун ба вақти саҷда дар намоз мебӯсад.

Мавлавиҳое, ки либоси сиёҳ дар бар доранд, зиндагии дунявиро таҷассум менамоянд. Лаҳзае, ки онҳо ба «самоъ» медароянд, либосҳои сиёҳро аз тан меафкананд. Ин маънои аз ҳаёти дунявӣ дур шуда, ба ҳаёти охират ворид шуданро дорад.

Сипас, як нафар сарсамоъкор назди Шайх омада, барои «самоъ» иҷозат мепурсад ва бо иҷозати ӯ мавлавиҳо ба «самоъ» оғоз менамоянд.

Дар лаҳзаи «самоъ» дасти рости самоъкунанда ба тарафи боло ва дасти чапи ӯ ба поён чарх мезанад.

Ин кор маънои онро дорад, ки Худо чи файзу баракате, ки диҳад, мо онро ба мардум ва бандагонаш мерасонем.

«Самоъ» бо тиловати оят аз Қуръони Карим ба охир мерасад ва дар охир мавлавиҳо боз ба пӯсти сурх салом дода, пушташонро нагардонда, тарки саҳна мекунанд.

*www.president.tj*

# Ҷаласаи Шӯрои байнидавлатии Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё дар шаҳри Москва

**19 декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Москва дар ҷаласаи навбатии Шӯрои байнидавлатии Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё иштирок намуд.**

Дар ҳамойиш ҳамчунин сарони дигар давлатҳои аъзои Иттиҳод иштирок доштанд.

Дар ҷаласа масоили татбиқи чорабиниҳои вобаста ба Самтҳои афзалиятноки рушди Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё ва Нақшаи татбиқи чораҳои муштарак доир ба камтарин намудани оқибатҳои бӯҳронҳои ҷаҳонии иқтисодӣ, тақвияти кори Бонки Рушди АврОсиё доир ба қарзҷудокунӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки кишварҳои аъзои Иттиҳод баррасӣ шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба татбиқи ду созишнома, ки яке дар бораи мақоми ҳуқуқии муҳоҷирони корӣ ва аъзои оилаи онҳо ва дуюмӣ дар бораи ҳамкорӣ доир ба муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунии корӣ дар кишварҳои аъзои Иттиҳоди гумрукӣ мебошад, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки «дар ин санадҳо манфиатҳои Тоҷикистон ҳам, ки оянда метавонад ба ин Иттиҳод ҳамроҳ шавад, ба инобат гирифта шудааст».

Дар ҷаласа аз ҷониби сарони давлатҳо ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо доир ба татбиқи Консепсияи фаъолияти байналмилалии Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё барои солҳои 2011-2013 ва барномаҳои «Технологияҳои инноватсионӣ» ва «Безараргардонии заминҳои таҳти таъсири истеҳсолоти уран қароргирифта»-и давлатҳои аъзои Иттиҳод баҳои мусбӣ дода шуд.

*www.president.tj*





# Мулоқоту музокироти расмии Тоҷикистону Туркия дар сатҳи олӣ

**18 декабри соли 2012 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Анқара идома ёфт.**

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нахуст оромгоҳи Мустафо Камол Отатуркро зиёрат намуда, ба арзишҳои волои таърихию фарҳангии роҳбарият ва мардуми Ҷумҳурии Туркия ҳусни эҳтиром ба ҷо овард.

Маросими истиқболи расмӣ дар назди қасри Президенти Туркия баргузор гардид. Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул истиқбол гирифта, ба болои минбари ифтихорӣ даъват намуд.

Маросими расмии истиқбол бо садо додани Сурудҳои миллии ду давлат, паррондани 21 шиллик аз тӯпхонаҳо ва дигар муқаррароти протоколӣ бо шукуҳи хоса ҷараён гирифт.

Зимни мулоқоти хоса сарони ду давлат - Эмомалӣ Раҳмон ва Абдулло Гул аз пайвастагии робитаҳои сиёсии сатҳи олӣ, муҳтавои муносиботи дӯстона ва ҳамкории барои ду ҷониб судбахш изҳори қаноатмандӣ карданд.

Дар мулоқоти хосаи сарони давлатҳо ва музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои васеи ду ҷониб масоили ҳамкории гуногунҷанба, аз ҷумла дар бахшҳои иқтисод ва тиҷорат, саноат, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, илму техника ва ҷалби сармоя баррасӣ шуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба масоили минтақавию ҷаҳонӣ ва ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ сурат гирифт.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокирот дар ҳузури сарони ду давлат нуҳ санади дигари ҳамкорӣ ба имзо расид:

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Ҷумҳурии Туркия;

Созишнома оид ба ҳамкорӣ миёни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодияи телевизион ва радиои Туркия;

Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати озуқаворӣ, кишоварзӣ ва чорводории Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҷавонон ва варзиш;

Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика ва саноати маъданҳои кӯҳӣ;

Эъломияи муштарак оид ба ҳамкорӣ миёни Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Туркия;

Барномаи табодули фарҳангӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия;

Барномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия барои солҳои 2013 ва 2014;

Эъломияи муштарак оид ба натиҷаҳои сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Туркия.

Хотиррасон бояд намуд, ки то ин вақт заминаи қарордодӣ-ҳуқуқии ҳамкории Тоҷикистону Туркия иборат аз 50 санад буд. Тайи ин сафар дар маҷмӯъ боз 16 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки аз натиҷаҳои умедбахши ин боздид гувоҳӣ медиҳанд.

Ин аст, ки сарони ҳар ду давлат зимни нишасти матбуотӣ аз натиҷаҳои сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Туркия изҳори хушнудӣ карда, онро таконбахши рушди минбаъдаи муносиботи дӯстона ва ҳамкории судбахш маънидод намуданд.

-Мо аз имконоти фароҳи Тоҷикистон, хусусан дар соҳаҳои гидроэнергетика ва маъданҳои кӯҳӣ хуб огоҳем ва ба густариши ҳамкорӣ дар ин бахшҳо манфиатдорем, - изҳор дошт Абдулло Гул ва афзуд: «Туркия аз иқдомоти Тоҷикистон доир ба истифодаи босамари захираҳои обиаш низ пуштибонӣ мекунад».

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Абдулло Гул ва дигар мақомоти роҳбарии Туркия барои ҳусни ният ва ҳавасмандӣ ба густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногун арзи сипос карда, дурнамои муносиботи дӯстии ду кишварро умедбахш номид.

Аз Абдулло Гул даъват карда шуд, ки ба Тоҷикистон бо сафари дӯстона ташриф биёрад.

*www.president.tj*

# Ҳамойиши сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД)



**19 декабри соли 2012 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ҳамойиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ баргузор гардид.**

Барои иштирок дар ҷаласаи навбатии Шӯрои Амнияти Дастаҷамъии созмон сарони давлатҳои Арманистон, Беларус, Россия, Тоҷикистон ва Қазоқистону Қирғизистон ва дигар шахсони масъул ба ҳам омаданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарони дигар давлатҳоро дар қасри Кремл Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин истиқбол гирифт.

Дар ҷаласа масоили таҳкиму тақвияти ҳамгироии муштарак дар мубориза бо хатарҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла дар робита бо авзои кунунӣ ва ояндаи Афғонистон баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба роҳҳои пурзӯр намудани амнияти иттилоотӣ дар минтақаи масъулияти СААД зоҳир карда шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни андешаронӣ ба авзои Афғонистон ва таъсири манфии он ба кишварҳои минтақа таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, аз ҷумла чунин изҳор дошт: «Кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ба мубориза бо терроризму ифротгаройӣ ва қочоқи маводи мухаддир бояд бо сохторҳои марбутаи худи Афғонистон ҳамкории босамар ба роҳ монанд ва ба тақвияти онҳо мусоидат намоянд». Таҷрибаи Тоҷикистон дар омодасозии кадрҳо барои сохторҳои қудратии Афғонистон ва мусоидат ба бозсозии иқтисодиёту иҷтимоиёт ва зербинои нақлиётию энергетикии он ибратбахш номида шуд.

Сарони давлатҳои аъзои созмон ба дастгирии Тоҷикистон барои пурзӯр намудани ҳифзи марзи тӯлонӣ бо Афғонистон, асосан бо роҳи кӯмаки имтиёзии ҳарбӣ-техникӣ ба неруҳои марзбонӣ ва омодасозии кадрҳои ин соҳа, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд.

Ин ҳамойиш яке аз босамартарин мулоқотҳо арзёбӣ гардид.

*www.president.tj*

# Мулоқот бо Раиси Парлумони Туркия

**Нимаи дуюми рӯзи 18 декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси бузурги миллии (Парлумони) Ҷумҳурии Туркия Ҷемил Чичек мулоқот намуд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории байнипарлумонӣ ва дигар ҷанбаҳои муносиботи дӯстонаи Тоҷикистону Туркия баррасӣ шуд.

Ба нақши Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории байнипарлумонии Тоҷикистон ва Туркия, ки аз соли 2000-ум инҷониб фаъолият дорад, баҳои баланд дода шуд.

Ҳар ду ҷониб ба густариши робитаҳои судманд ва омӯзиши таҷрибаи ҳамдигар ҳавасмандии худро таъкид доштанд.

*www.president.tj*

## ●Тоҷикистон-узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо

# РӮЙДОДИ ТАЪРИХӢ

**-10 декабри соли 2012 дар таърихи миллати тоҷик боз як рӯйдоди басо фараҳангез рух дод, ки он дар сарнавишти минбаъдаи халқамон нақши басо бузург хоҳад бозид,- мегӯяд яке аз иқтисоддонҳои варзидаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Давлатёр Хумориков.**

Шомил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо кори осон нест ва на ҳар давлат метавонад ба узвияти он дохил шавад. Давлатҳое ҳастанд, ки даҳсолаҳо боз чунин тасмим доранд, вале комёб намегарданд. Гарчанде онҳо ҳаматарафа пуриқтидор буда, дар арсаи ҷаҳонӣ маълуму машҳур мебошанд.

Ин комёбӣ, албатта, худ аз худ ба амал наомад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон кӯшиши зиёд ба харҷ дод, ки Тоҷикистон ба ин созмон шомил гардад, то рушди минбаъдаи иқтисод ва зиндагии неку ояндаи халқ таъмин бошад.

Бовар дорам, ки узвият ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва идома ёфтани ислоҳоти иқтисодӣ ин маънии ташкили фазои мусоид барои сармоягузорӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ҳамроҳшавӣ ба иқтисоди ҷаҳониро дорад.

Ҳар сол мо шоҳиди бисёр рӯйдодҳо мегардем, ки дар он саҳми Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург аст ва ин рӯйдод, ки кишвари моро дар қатори 157 давлати бузург ҳамроҳ сохт, дар таърихи давлатдорӣ бо хатти заррин сабт хоҳад шуд.

-Узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз минбари баланди ин созмон суханронӣ намудани Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон моро ба ҳаяҷон овард, -гуфт сардори Раёсати рушди иқтисод ва савдои вилоят Латиф Шозодаев.

- Дохилшавӣ ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо раванди дуру дароз ва ниҳоят мушкил аст, аммо бо кӯшишу талошҳои зиёди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҷумҳурии мо муяссар гардид, ки узви ин созмони бонуфуз гардад.

Маълум аст, ки то ба имрӯз ҷумҳурии мо бо сад давлати дунё робитаи иқтисодӣ барқарор намуда буд ва баъди рӯйдоди навин мо бевосита бо 157 давлати муқтадир равобит хоҳем дошт. Табиист, ки ин узвият ё худ ҳамроҳшавӣ ба иқтисодиёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ такони бузург хоҳад бахшид, зеро ин минтақа имрӯз аз бунбасти коммуникатсионӣ пурра баромада, ба бандарҳои ҷаҳонӣ роҳ ёфтааст ва ин имкон медиҳад, ки дар солҳои наздик иқтисодиёти вилоят низ ба пешрафт ноил гардад. Бадахшон бо давлатҳои ба мо ҳамсоя-Чин ва Афғонистон робитаи тиҷоратӣ дорад ва он дар муҳити озод амалӣ мешавад.

Акнун Ҳукумати ҷумҳурӣ метавонад ба воситаи ин созмон ба Бадахшон лоиҳаҳои зиёди сармоягузориро ҷалб намояд ва ба ин тариқ вилоят дар муддати кӯтоҳ ба яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта мубаддал мешавад.

*Ш. ШОҲҚОСИМОВ,*
*«Садои мардум»*

# Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила қабул ва вобаста ба он ба санадҳои ҳуқуқии амалкунанда тағйирот ворид карда шуд



(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Иномов Абдузафар дода мешавад.

**Абдузафар ИНОМОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ санаи 20 апрели соли 2011 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карда буданд: «Минбаъд низ зарур аст, ки бо мақсади дар



сатҳи муайян нигоҳ доштани нархи молҳои ниёзи мардум бояд иқтисоди воқеиро ҳар чӣ бештар тараққӣ дода, бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ танзими бозори истеъмолӣ пурзӯр карда шавад. Илова бар ин, бо мақсади таъмини рақобати солим ва устувор нигоҳ доштани вазъи бозори истеъмолӣ дар кишвар ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо зарур аст, ки якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи Қонун «Дар бораи асосҳои фаъолияти савдо ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ»-ро таҳия ва пешниҳод намояд».

Бахри татбиқи ин нуктаҳои Паём лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» пешниҳод шуда, мавриди муҳокима қарор дорад.

Меъёрҳои лоиҳаи қонуни мазкур муносибатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорро вобаста ба ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин муносибатҳои субъектҳои хоҷагидорро ҳангоми иҷрои фаъолияти мазкур ба танзим дароварда, онҳоро мушаххас намудааст.

Илова ба ин, дар лоиҳа муносибатҳои субъектони дахлдор оид ба ташкили бозорҳои фурӯши чакана, ташкил ва анҷом додани фаъолияти фурӯши мол дар бозорҳои фурӯши чакана ва хизматрасонии маишӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Вобаста ба ин дар лоиҳаи қонун салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатии дахлдор дар соҳа муайян ва мушаххас карда шудаанд, ки фаъолияти онҳо бахри пешгирӣ намудани дахолати беасос ба танзими савдои чакана, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳо дар ин соҳа, таъмини интиқоли озоди молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар соҳаи истеҳсолӣ равона гардидааст.

Инчунин дар лоиҳаи қонуни мазкур тартиби ташкили савдо, объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ, намудҳо ва ҷойгиркунонии ин объектҳо дар ҷойҳои муқарраршудаи савдо пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо барои дар амал татбиқ гардидани фаъолияти савдо мусоидат намуда, сатҳу сифати хизматрасонии маиширо ба талаботи стандартҳои пешбининамудаи давлатӣ мутобиқ мегардонанд.

Санаи 10 декабри соли равон Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид ва қабули қонуни мазкур, ба андешаи мо, ин қадами устувор барои заминаи пешравии соҳаи мазкур дар иртибот бо талаботи стандартҳои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ шуда метавонад, зеро баланд шудани сатҳи талабот ба объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ дар дохили кишвар боиси боз ҳам инкишоф ёфтани инфрасохтори соҳаи мазкур, тайёр намудани кадрҳои ихтисосманд, инчунин таъмини ҷойҳои нави корӣ хоҳад гардид.

Ҳамзамон ба танзим даровардани муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти савдо ва хизматрасонии маишӣ боиси танзим ёфтани нархи мол, кор ва хизматрасонӣ дар бозори дохилӣ гардида, ба ин васила имконияти иштирокчиёни ин муносибатҳо барои машғул шудан ба намудҳои дигари фаъолият дар ин соҳа боз ҳам фарохтар хоҳанд шуд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, яклухт қабул гардид. Вобаста ба қабул гардидани қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ҳакимов Мироҷиддин Дӯстмуродович дода мешавад.

**Мироҷиддин ҲАКИМОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Варзиш дар ҳама давру замон барои инсоният аҳамияти хоса дошта, он яке аз омилҳои муҳими ташаккули шахсияти солими ҷомеа мебошад ва дар ҳифзу нигаҳдории генофонди миллӣ нақши муҳим мебозад.

Беҳуда нест, ки тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 38) давлат муваззаф гардидааст, ки барои инкишофи оммавии варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ тадбирҳо андешад. Амалӣ намудани ин тадбирҳо, поягузории заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, яъне қабули қонунҳои дахлдорро дар ин самт тақозо менамояд.

Тайёрии варзишӣ ин фаъолияти мақсаднок оид ба тайёр намудани варзишгарон ба мусобиқаҳои варзишӣ бо роҳи ташаккул ва такмили маҳорати варзишии онҳо мебошад, ки як шакли тақвият бахшидан ба раванди оммавӣ намудани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва дар ин асос таҳкими саломатӣ, рушди ҳамаҷонибаи қобилияти ҷисмонии шаҳрвандон ба шумор рафта, барои ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки бо инкишофи ҷомеа шаклу намудҳои нави варзиш ва муассисаҳои тайёрии варзишӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба вуҷуд омада бошанд ҳам, то ба имрӯз фаъолияти онҳо ба фазои ягонаи ҳуқуқӣ ворид карда нашудаанд. Дар бисёр мавридҳо муассисаҳои тайёрии варзишӣ ва дигар субъектони ин соҳа фаъолияти худро бе барномаҳои илман асоснок аз тарафи мақомоти дахлдор тасдиқгардида ба роҳ монда, аз тарафи онҳо стандартҳои тайёрии варзишӣ риоя карда намешавад, ки метавонад боиси оқибатҳои ногувор гардад.

Ҳамин тавр, бе таъсиси низоми ягонаи ҳуқуқии ташкили фаъолият дар соҳаи тайёрии варзишӣ ба даст овардани ҳадафи ниҳоӣ, яъне таъмини инкишофи бемайлон ва оммавӣ намудани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҷумҳурӣ, имконнопазир аст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Шабозов, М.Ҷабборова, Б.Авзалшоева ва М.Ҳакимов бахри амалӣ намудани дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз



вохӯрӣ бо варзишгарон (20 декабри соли 2010 баргузор гардида буд) ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (20 апрели соли 2012) нигаронида шуда, бо мақсади фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои рушду нумуи ҳамаҷонибаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо бартараф намудани монеаҳо дар ин самт таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз дебоча, 4 боб ва 22 модда иборат буда, масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳаи тайёрии варзиширо дар бар мегирад.

Дар боби якум- «Муқаррароти умумӣ» мафҳумҳои асосии дар лоиҳаи қонун истифодашаванда, аз ҷумла тайёрии варзишӣ, барномаи тайёрии варзишӣ, муассисаи тайёрии варзишӣ, стандартҳои давлатии тайёрии варзишӣ, инчунин принсипҳои сиёсати давлатӣ ва кафолатҳои давлатии татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи тайёрии варзишӣ муқаррар гардиданд.

Дар боби дуюм субъектони соҳаи тайёрии варзишӣ, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи варзиш, вазифаҳои асосӣ ва таъмини тайёрии варзишӣ, оинномаи муассисаҳои тайёрии варзишӣ, шартнома дар бораи гузаштан аз тайёрии варзишӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаҳои тайёрии варзишӣ мушаххас карда шудаанд.

Боби сеюм бошад, таъмини молиявӣ, илмию методӣ ва тиббии муассисаи тайёрии варзишӣ, фаъолияти инфиродӣ дар соҳаи тайёрии варзишӣ, вазъи ҳуқуқии варзишгароне, ки аз тайёрии варзишӣ мегузаранд, кормандони муассисаҳои тайёрии варзишӣ, тартиби гузаронидани тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси мутахассисони соҳаи тайёрии варзиширо муқаррар менамояд.

Дар боби чорум- «Муқаррароти хотимавӣ» ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани он аниқ карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор дода, онро дар маҷмуъ ҷонибдорӣ ва дар баробари ин ҷиҳати мукаммалгардонии он 88 таклифу дархост пешниҳод намуданд.

23 ноябри соли 2012 лоиҳаи қонуни мазкур дар ҷаласаи васеи Кумита бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз 88 таклифи пешниҳодгардида 80-тои он пурра ва ё қисман қабул гардида, 8-тои дигараш қабул нашуд. Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шудаанд, ки онҳо асосан хислати имлоӣ, таҳририӣ ва ё ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ вобаста мебошанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, қабул ва татбиқи он дар доираи маблағҳои ҳар сол аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ба ин мақсадҳо ҷудошаванда ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ гардида, маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини аввали раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯраев Кабирҷон Каримҷонович дода мешавад.

**Кабирҷон ҶӮРАЕВ: -Муҳтарам Раис ва ҳозирини гиромӣ!**

Инсоният дар тӯли таърих ба бисёр дастовардҳои бузурги фарҳангӣ ва илмиву иҷтимоӣ муваффақ гаштааст, ки ҳамаи онҳо ба пешрафти зиндагӣ, саодати мардум ва сарҷамъии халқу миллатҳо равона гардидаанд. Яке аз ин дастовардҳои башарият варзиш ба ҳисоб рафта, то ба имрӯз ба хотири солиму тавоно нигоҳ доштани инсон хизмат менамояд ва яке аз воситаҳои беҳтарини муаррифии давлатҳо мебошад.

Дар замони муосир варзиш дар баробари таблиғи тарзи ҳаёти солим, ҳамчун таҳким ва тақвиятбахши дӯстии миёни кишварҳо эътироф гашта, омили муҳими ҷаҳоншиносии инсон наздик гардидани халқу миллатҳои гуногуни сайёра мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба варзиш ҳамчун воситаи муҳими беҳдошти саломатӣ ва ташаккули ҷисмониву маънавии инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, баъд аз қабул дар баробари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи варзиши кӯдакону наврасон», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, заминаи меъёриву ҳуқуқии соҳаи мазкурро ғанӣ мегардонад.

Тавре иттилоъ доред, 20 декабри соли 2010 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони варзишгарони кишвар мулоқот анҷом дода буд.

Дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти таҳкими заминаи меъёриву ҳуқуқӣ, бунёду таҷдид ва таъмири иншооти варзишӣ як қатор тадбирҳо андешида шудаанд, ки барои рушди соҳа, тарғиби тарзи ҳаёти солим, дастгирӣ ва ҳавасмандии варзишгарон шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар самти таҳкими заминаи меъёриву ҳуқуқии соҳа як қатор са-



надҳо бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд. Аз ҷумла бо мақсади тақвияти фаъолият дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ дар соҳа байни мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ ва дарёфти роҳу усулҳои беҳтари татбиқи сиёсат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011 таҳти №123 Шӯрои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ва Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 қабул карда шуданд.

Дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2012 таҳти №АП-1870 барои дастгирӣ ва ҳавасманд намудани ғолибон ва ҷоизадорони Бозиҳои олимпӣ маблағҳои пулӣ пешбинӣ гардид. То имрӯз зиёда аз 2372 иншооти варзишӣ ба маблағи 242 541 912 сомонӣ омода ва ба истифода дода шудаанд, аз ҷумла:

- дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 21 иншооти варзишӣ ба маблағи 1482000 сомонӣ;
- дар вилояти Суғд 318 иншооти варзишӣ ба маблағи 80729450 сомонӣ;
- дар вилояти Хатлон 557 иншооти варзишӣ ба маблағи 14903000 сомонӣ;
- дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 332 иншооти варзишӣ ба маблағи 75518948 сомонӣ:
- дар шаҳри Душанбе 19 иншооти варзишӣ ба маблағи 10350440 сомонӣ.

Аз ҷониби вазорату идораҳо низ як қатор иншооти варзишӣ бунёд гардида, барои истифода супорида шудаанд, аз ҷумла:

- аз ҷониби Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмааи варзишӣ бо 2000 ҷойи нишаст ба маблағи 19 миллион сомонӣ ва 1000 майдончаҳои волейбол ба маблағи 857000 сомонӣ, аз ҷумла дар вилоятҳои Суғд 300 адад, Хатлон 340 адад, ВМКБ 92 адад ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 268 адад;
- аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмааи варзишӣ бо 1500 ҷойи нишаст ба маблағи 16 миллион сомонӣ;
- аз ҷониби Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмааи варзишӣ бо 580 ҷойи нишаст ба маблағи 6 миллион сомонӣ;
- аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмааи варзишӣ бо як варзишгоҳ бо роҳрав барои давидан, як майдони варзишӣ барои волейбол ва баскетбол, як корти теннис, инчунин як майдон барои футболи хурд ба маблағи 750000 сомонӣ;
- аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як варзишгоҳ ва як толори варзишӣ ба маблағи 110000 сомонӣ;
- аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш толори варзишӣ ва 42 майдончаи варзишӣ ба маблағи 8000050 сомонӣ.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар натиҷаи андешидани тадбирҳо баъд аз мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо варзишгарони кишвар, аз ҷумла таҳкими заминаи меъёриву ҳуқуқӣ, бунёди иншооти варзишӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирию ҳавасмандии варзишгарон ва тарғиби тарзи ҳаёти солим, дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ рушду инкишофи соҳаи варзиш баръало эҳсос мегардад.

Бо назардошти фароҳам овардани шароити мусоид намудҳои варзиш дар ҷумҳурӣ инкишоф ёфта, фаъолияти федератсияҳои варзишӣ низ ҷоннок гардид. Танҳо дар солҳои 2011-2012 варзишгарони тоҷик дар 131 мусобиқаи бонуфузи байналмилалӣ иштирок намуда, 641 медал, аз ҷумла 179 медали тилло, 188 медали нуқра ва 274 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Дастоварди барҷастаи соли ҷорӣ ва дар таърихи навини Тоҷикистон бори аввал ба даст овардани 16 роҳхат ба Бозиҳои XXX олимпӣ (Лондон-2012) ва медали биринҷии дастаи олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати он аз ҷониби тоҷикдухтар Мавзуна Чориева мебошад.

Аз ин рӯ, қабули лоиҳаи қонуни мазкур, ки асосҳои ҳуқуқию ташкилии тайёрии варзиширо муайян ва фаъолияти муассисаҳои тайёрии варзиширо танзим намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони ин муассисаҳо, варзишгарон ва дигар субъекти соҳаи омодагии варзиширо муқаррар менамояд, муҳим ва саривақтӣ мебошад. Он низоми ягонаи ҳуқуқии ташкили фаъолиятро дар соҳаи тайёрии варзишӣ барои ба даст овардани ҳадафи ниҳоӣ, яъне таъмини инкишофи бемайлон ва оммавӣ намудани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҷумҳурӣ боз ҳам фароҳам меоварад.

Бо қабул шудани лоиҳаи қонуни мазкур принсипҳои асосии омодагии варзишӣ, ҳавасмандгардонии варзишгарони болаёқат барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланди варзишӣ расман мавриди амал қарор дода мешавад. Дар заминаи қабули лоиҳаи қонуни мазкур иштироки варзишгарони болаёқат дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ ва муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ меафзояд.

Зарурати дигари қабули лоиҳаи қонуни мазкур дар он зоҳир мегардад, ки варзишгарон аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда бархурдор мегарданд. Яъне, вазъи ҳуқуқии варзишгароне, ки аз тайёрии варзишӣ мегузаранд, саҳеҳ муқаррар карда шудааст.

Фарқияти лоиҳаи қонуни зикршуда аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи варзиши кӯдакону наврасон» дар он мебошад, ки масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳаи тайёрии варзишӣ, аз ҷумла барномаю стандартҳои тайёрии варзишӣ, принсипҳои сиёсати давлатӣ ва кафолатҳои давлатии татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи тайёрии варзишӣ таври саҳеҳ танзим мегарданд.

Дар лоиҳа ваколатҳои мақоми давлатии ваколатдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи варзиш, принсипҳои асосӣ ва таъмини тайёрии варзишӣ, оинномаи муассисаҳои тайёрии варзишӣ, шартнома дар бораи тайёрии варзишӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаҳои тайёрии варзишӣ мушаххас шудаанд. Таъмини молиявӣ, илмию методӣ ва тиббии муассисаҳои тайёрии варзишӣ, фаъолияти инфиродӣ дар соҳаи тайёрии варзишӣ, вазъи ҳуқуқии варзишгароне, ки аз тайёрии варзишӣ мегузаранд, кормандони муассисаҳои тайёрии варзишӣ, тартиби гузаронидани тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси мутахассисони соҳаи тайёрии варзишӣ ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани он аниқ карда шудааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Аз ин рӯ, аз шумо вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоем, ки қабули лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Вобаста ба масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Ҳақдодов Маҳмадшариф Маҳмудович дода мешавад.

**Маҳмадшариф ҲАҚДОДОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Баррасӣ ва қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ», ки барои тайёр кардани варзишгарон ба мусобиқаҳои варзишӣ бо роҳи ташаккул ва такмили маҳорати касбии онҳо дар муассисаҳои тайёрии варзишӣ ҷавобгӯй ба стандартҳои давлатӣ равона гардидааст, хеле ҳам



муҳим ва бамаврид мебошад. Чунки тарбияи насли наврас, саломатӣ ва рушди қобилияти варзишии онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷавонони кишвар ба шумор меравад.

Солҳои охир дар шаҳру ноҳияҳои кишварамон бисёр иншооти варзишӣ, мактабу академияҳои варзишӣ ҳам бо маблағгузории давлатӣ ва ҳам аз ҳисоби соҳибкорони алоҳида ба истифода дода мешаванд, ки ин бешубҳа, барои тайёрии варзишӣ дар кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Аз ҳама муҳим варзишгарони мо дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ дар бисёр намудҳои варзиш иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои намоён мегарданд.

Меъёрҳои ҳуқуқии дар лоиҳаи қонун пешниҳодгардида ҷиҳати гирифтани тайёрии ибтидоии варзишӣ, тайёрии асосӣ ва олии варзишӣ, ки бо истифодаи барномаҳои тайёрии варзишии давравӣ, ташкил ва идоракунии муассисаҳои тайёрии варзишӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҳифзи иҷтимоии кормандони муассисаҳои тайёрии варзишӣ ба танзим дароварда, барои рушди тайёрии варзишӣ равона гардидааст.

Бояд зикр намоям, ки дар лоиҳаи қонуни мазкур таъминоти молиявии фаъолияти муассисаҳои тайёрии варзишӣ, инчунин таъминоти илмию методӣ ва тиббӣ, дастрасӣ ба муассисаҳои тайёрии варзишӣ ва дигар ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин соҳибкорони инфиродӣ, заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» дар Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифта, ҷонибдорӣ ёфт.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

Дар муҳокимаи ин масъала вакилон Исмоил Талбаков, Акрамшо Фелалиев, Умаралӣ Ҳисайнов иштирок намуданд.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, қонун яклухт қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмудов Насрулло Раҳматҷонович дода мешавад.

**Насрулло МАҲМУДОВ: Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайринисо Юсуфӣ, Сабоҳат Муқумова, Насрулло Маҳмудов ва шодравон Хадича Ҳакимова пешниҳод шудааст.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосӣ муайян кардааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд.

Мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин санадҳои ҳуқуқии биналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Конвенсия «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон»-ро эътироф намуд ва онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ махсуб гардида, меъёрҳои онҳо тадриҷан ба қонунгузории ҷумҳурӣ ворид шудаанд.

Дар ҷомеаи мо, гарчанде оила мақоми муқаддас ва аввалия дорад, аммо бо ҷурми зӯроварӣ низ ба устувории оила хатари ҷиддӣ ворид шудааст. Бекоршавии ақди никоҳ ва вайроншавии оилаҳо соли гузашта 4989 ададро ташкил дод, аммо имсол ин шумора ба 5736 расидааст.

Зӯроварӣ дар оила хусусияти хос дорад ва аз ин лиҳоз андешидани чораҳои хассосро тақозо мекунад, зеро ин кирдорҳо ҳуқуқи инсонро поймол намуда, аз як тараф ба саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии инсон ва аз тарафи дигар ба арзишҳои ахлоқӣ ва инкишофи маънавӣ таъсир мерасонад.

Бояд зикр намуд, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 маркази бухронӣ ва се филиали ин марказҳо, ҳафт паноҳгоҳи муваққатӣ ва 87 маркази машваратию иттилоотӣ фаъолият менамоянд, ки дар соли 2012 ба ин марказҳо 32275 нафар шаҳрвандон оид ба таҳдид, таҳқир, мушкилоти манзилӣ, бекор намудани ақди никоҳ ва дигар масъалаҳо муроҷиат намудаанд ва 35 фоизи муроҷиаткунандагон бо далели зӯроварӣ дар оила арз карданд.

Таъсиси чунин марказҳо дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, устувории оилаҳо ва пешгирии зӯроварӣ дар оила аҳамияти махсус доранд, аммо дар қонунгузории амалкунанда фаъолияти онҳо танзими пурраи ҳуқуқиро наёфтааст, ки дар кори пурсамари онҳо мушкилиҳо ба вуҷуд меорад.

Меъёрҳои танзими масъалаҳои зӯроварӣ дар оила ҳоло дар баъзе қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд, аммо ин меъёрҳо танҳо хусусияти андешидани чораҳои ҷавобгариро доранд. Чунончӣ, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 30 модда пешбинӣ шудааст, ки дар ин ё он шакл барои содир кардани кирдорҳои зӯроварӣ, аз ҷумла дар оила ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст ё худ дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон айнан ҳамин гуна меъёрҳо мавҷуд ҳастанд. Аммо пешгирии амалҳои зӯроварӣ дар оила танзими ҳуқуқии ҳаматарафа надорад.

Бо ибтикор ва дастгирии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» таъсис дода шуд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳисоботи худ барои солҳои 2009 – 2010 таҳия ва қабули қонуни мазкурро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст.

Ҳамзамон дар банди 22 шарҳи хотимавии Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба бартараф кардани табъиз (дискриминатсия) нисбат ба занон, қабули қонуни алоҳида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила тавсия шудааст.

Пеш аз омода намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» як қатор чораҳои ташкилии судманд амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла:

1. Дар баробари омӯзиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба ин масъала қонунгузории давлатҳои дигар вобаста ба зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Гурҷистон, Озарбойҷон, Украина ва давлатҳои Шарқ, ба монанди Индонезия, Малайзия, Туркия, Эрон ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шуд.
2. Бо фаъолияти маркази бухронӣ ва воҳидҳои махсуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне нозирони минтақавии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар шаҳри Қӯрғонтеппа бевосита шинос шуда, бо кормандони онҳо оид ба мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли он суҳбатҳо гузаронида шуд.
3. Бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, семинару вохӯриҳо, мизҳои мудаввар гузаронида, бо ахборот оид ба вазъи зӯроварӣ дар оила шинос шуданд.



Пас аз таҳлили маълумотҳо ва мушкилоти ҷойдошта хусусиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» таҳия шуд, ки он муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим карда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд ва мақсади асосии қонуни мазкур ин ҳимояи ҳуқуқии оила ҳамчун асоси ҷамъият мебошад.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур таҳти мафҳуми пешгирии зӯроварӣ дар оила маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии аз ҷониби субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила амалишаванда, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, муайян ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона шудаанд, фаҳмида мешаванд.

Бо мақсади пешгирии амалҳои зӯроварӣ дар оила дар лоиҳаи қонун намудҳои зӯроварӣ ва принсипҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила пешбинӣ шудааст, аз ҷумла принсипҳои эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният ва инсондӯстӣ, махфӣ будани иттилоот оид ба зӯроварӣ дар оила, дастгирӣ ва пойдории оила, инчунин принсипи бартарии чораҳои пешгирикунанда нисбат ба чораҳои ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Ба ҷабрдида ҳуқуқи гирифтани кӯмаки тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ шуда, ҳамзамон субъектҳое, ки ба ӯ ин гуна кӯмакҳоро мерасонанд, мушаххасан зикр карда шудааст. Дар лоиҳа, дар боби алоҳида, субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила бо зикри ваколатҳои онҳо пешбинӣ шудааст.

Ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила ҳафт намуд чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила барои таъсиррасонии мақсаднок ба шуур ва рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда пешбинӣ шудаанд. Ин чораҳо бо мақсади пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби узви оила ва таъмини амнияти ҷабрдида татбиқ карда мешаванд. Доир намудани суҳбати хусусияти тарбиявидошта ва додани амрномаи муҳофизатӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Мо умедворем, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» барои тақвият ва устувории бунёди хонаводаҳо, пойдории оиладорӣ, ҳифз ва беҳдошти ҳар як узви оила, ҳамчунин барои рушди насли наврас хизмат хоҳад кард ва мову шумо дар ин ҷода нақши шоиста хоҳем гузошт.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини аввали вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Орипов Нурулло Маърифхонович дода мешавад.

**Нурулло ОРИПОВ: -Муҳтарам Раис, Раёсат, муҳтарам вакилони мардумӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Таҳлили ҳодисаҳои нанговар нишон дод, ки таҳқиру беэътиноӣ ба ҳуқуқи инсон (башар), эътироф накардани қадру қимати он, истифодаи зӯроварӣ ва шиканҷа дар муҳити оила боиси сурат гирифтани аъмоли бераҳмона ва ваҳшиёна дар ҷамъият гардида, дар натиҷа боиси сахт озурда гардидани виҷдони инсон, ба ҳолати рӯҳафтодагӣ нисбат ба ҳаёт, зиндагӣ ва ба ҳолатҳои нанговар оварда расонидани тақдири инсон гардидааст.

Аз ин лиҳоз, асноди ҳуқуқии байналмилалӣ таъмини риояи ҳуқуқи инсон, пешгирии ҳолатҳои зӯровариро яке аз вазифаҳои муқаддастарини инсон шуморида, тамоми давлатҳоро эълон доштааст, ки то ҳар фард ва ҳар мақоми давлатӣ доимо дар мадди назар дошта бошад ва ҷидду ҷаҳд намояд, ки тавассути омӯзишу таълим ва бо тадбирҳои пешрафти миллию байналмилалӣ эътирофу иҷрои умумию самарабахши онҳоро дар миёни халқ вобаста ба эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини онҳо мусоидат намоянд.

Манъи истифодаи зӯроварӣ ва шиканҷа ҳамчун меъёри мутлақи



(императивии) ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи бемаҳдуд баррасӣ мегардад. Ин ҳуқуқ дар байни ҳуқуқи байналмилалӣ мавқеи баландтаринро ишғол намуда, манъи истифодаи зӯроварӣ дар ҳама ҷо, сарфи назар аз вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва ё вазъи криминогенӣ дар ҷамъият, амалӣ мегардад.

Баъди истиқлолиятро соҳиб гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш ҳуҷҷати асосии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсонро эътироф намудааст.

Ин Конвенсияҳо:

- оид ба ҳуқуқи кӯдак (аз 20 ноябри соли 1989);
- оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон (аз 18 декабри соли 1979);
- оид ба барҳам додани тамоми намуди шаклҳои табъизи нажодӣ (аз 7 марти соли 1977);
- зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва Протоколҳои иловагӣ ба он (аз 18 декабри соли 2002);
- Паймонҳои байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ (аз 16 декабри соли 1966).

Хурсандиовар аст, ки ба наздикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои боз як созмони бонуфузи байналмилалӣ – Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид.

Таҳия ва барои ҷонибдориву тасдиқ ба мақоми олии қонунгузори ҷумҳурӣ пешниҳод гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ин гувоҳи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани яке аз уҳдадориҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи асноди ҳуқуқи байналмилалии зикргардида мебошад.

Давоми соли 2010 дар доираи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Бюрои САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати корҳои дохилӣ дар ҳамбастагӣ бо ин Созмон барномаи муштарак «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба тасвиб расонид. Дар иртибот ба ин санад тибқи фармони вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2010 таҳти №271 дар сохторҳои назди вазорат воҳиди иловагии штатӣ –вазифаи «нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷорӣ карда шуд.

Дар доираи лоиҳаи барномаи мазкур панҷ утоқи махсуси пешгирии зӯроварӣ дар оила ташкил карда шуд, дар шаҳри Душанбе - ду адад, дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоби вилояти Хатлон –яктогӣ, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд –як адад. Вазорат тасмим гирфтааст, ки дар давоми соли 2013 боз якчанд адад чунин марказҳо таъсис диҳад.

Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила метавонанд дар ин марказҳо маслиҳатҳои гуногуни муфид гиранд, ариза пешниҳод намоянд ё ин ки дар бораи мушкилиҳои ҷойдошта суҳбат кунанд. Бояд зикр намуд, ки аз вақти таъсисёбии утоқҳои мазкур шумораи муроҷиаткунандагони ҷабрдидагон аз зӯроварӣ дар оила –махсусан аз ҳисоби занон зиёд шуд.

Дар ин давра аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ 400 вохӯрӣ бо аҳолӣ баргузор гардида, 55 амали ҷиноятии зӯроварӣ дар оила ошкор ва нисбати гунаҳгорон чораҳои қонунӣ андешида шуданд. Инчунин 1075 оилаи номатлуб ба қайд гирифта шуданд ва нисбати гунаҳгорон парвандаҳои назоратӣ тартиб дода, корҳои профилактикӣ-фаҳмондадиҳӣ анҷом дода шуд.

Ҳамчунин аз соли 2010 инҷониб барои курсантҳои Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои махсуси омӯзишии «Зӯроварӣ дар оила» ҷорӣ шуд.

Бо назардошти он ки мақомоти корҳои дохилӣ яке аз субъектҳои асосии иҷрокунандаи қонуни мазкур мебошад ва баррасию чораандешии қариб тамоми амалу кирдорҳои зӯроварии дар оила содиршаванда ба ваколати ин мақомот вогузор карда шудааст, вазорат ба таҳияи он диққати махсус зоҳир намуда, мутахассисон дар ҳамбастагӣ бо вакилони мардумӣ дар такмил додани лоиҳаи қонуни мазкур ҷалб гардиданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва асноди ҳуқуқи байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мухолифат надорад ва қобили дастгирист.

Аз шумо, вакилони мардумӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки қабули қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

**(Идома дар шумораи оянда)**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 январи соли 2013 музоядаи №1-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

| № т/р | Номгуйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бинои клуб-ошхонаи ҶСК «Хуҷандатлас» | ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17 | 134 000 |
| 2 | Бинои ошхонаи ҶСК «Соҳибкор» | ноҳияи Ҳисор, хоҷагии Калинин, кӯчаи Комсомол | 10 000 |
| 3 | Бинои ошхонаи ҶСК «С.Исоев» | ноҳияи Ҷ.Румӣ, шаҳраки С.Исоев, кӯчаи Советӣ | 25 000 |
| 4 | Бинои ошхонаи ҶСК «С.Исоев» | ноҳияи Ҷ.Румӣ, Ҷамоати деҳоти Навобод | 15 000 |
| 5 | Павилон-ошхонаи ҶСК «Сомғор» | ноҳияи Б.Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Холматов | 300 00 |
| 6 | Анбори ҶСК «МНА-52» | ш.Кӯлоб, маҳаллаи Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 7 | Бинои нонвойхонаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ.Расулов, кӯчаи Советӣ | 25 000 |
| 8 | Бозорчаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ.Расулов, кӯчаи Советӣ 1 | 50 000 |
| 9 | Бинои ошхонаи ҶСК «Қосимҷон» | ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Айнӣ 1 | 4 000 |
| 10 | Бинои ошхонаи ҶСК «Кимиёрӯзгор» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 205 | 30 000 |
| 11 | Бинои ошхонаи ҶСК «Мостоспецстрой» | ноҳияи Рашт, деҳаи Сари Пул | 5 000 |
| 12 | Бинои ошхонаи ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 30 000 |
| 13 | Бинои ҳаммоми ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 40 000 |
| 14 | Бинои собиқ клуби ҶСК «Конибодом» | шаҳри Конибодом, кӯчаи БФК 47 | 40 000 |
| 15 | Бинои собиқ кинотеатри тобистонаи ҶСК «Конибодом» | шаҳри Конибодом, кӯчаи БФК 47 | 30 000 |
| 16 | Бинои ошхонаи ҶСК «Ҳаракат» | ноҳияи Б.Ғафуров, кӯчаи Ҳабилов 46 | 15 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91**, ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 14 января 2013 года проводит аукцион №1 по продаже недвижимости

| № п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Здание клуба-столовой ОАО «Хуҷандатлас» | г.Худжанд, 17-й микрорайон | 134 000 |
| 2 | Здание столовой ОАО «Соҳибкор» | Гиссарский район, хозяйство Калинина, ул.Комсомол | 10 000 |
| 3 | Здание столовой ОАО «С.Исоев» | район Дж.Руми. городок С.Исоев, ул.Советская | 25 000 |
| 4 | Здание столовой ОАО «С.Исоев» | район Дж.Руми. Сельский джамоат «Навобод» | 15 000 |
| 5 | Павилон-столовая ОАО «Сомғор» | Б. Гафуровский район, Сельский джамоат Холматов | 300 00 |
| 6 | Склад ОАО «МНА-52» | г.Куляб, махалла Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 7 | Здание лепешечной ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж.Расуловский район, ул. Совети | 25 000 |
| 8 | Рынок ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж.Расуловский район ул.Совети 1 | 50 000 |
| 9 | Здание столовой ОАО «Қосимҷон» | Айнинский район, городок Айни 1 | 4 000 |
| 10 | Здание столовой ОАО «Кимиёрӯзгор» | г.Душанбе, ул. Рудаки 205 | 30 000 |
| 11 | Здание столовой ОАО «Мостоспецстрой» | Раштский район, село Сари Пул | 5 000 |
| 12 | Здание столовой ОАО «Кони намак» | Аштский район | 30 000 |
| 13 | Баня ОАО «Кони намак» | Аштский район | 40 000 |
| 14 | Здание бывшего клуба ОАО «Конибодом» | г.Канибадам, ул. БФК-47 | 40 000 |
| 15 | Здание бывшего летнего кинотеатра ОАО «Конибодом» | г.Канибадам, ул. БФК 47 | 30 000 |
| 16 | Здание столовой ОАО «Ҳаракат» | Б.Гафуровский район, ул.Хабилова 46 | 15 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр. Рудаки 44.**

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Суроғаи корхона: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефон: 221-73-74, факс: 221-49-87.**

### Музоядаи англисии № 2/1-ро оид ба фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомӣ эълон менамояд

Ба музояда 100 фоиз саҳмияҳои ҶСК «Тамокубарори Душанбе» дар 1 лот бо нархи ибтидоии 3 000 000 сомонӣ бароварда мешавад.

Суроғаи ҷамъияти саҳомӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Телман 31. Теъдоди саҳмияҳо ҳамагӣ дар 1 лот - 1528 дона. Намуди фаъолияти корхона: коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тамоку. Қарзҳои кредитории ҶСК - 21053595 сомонӣ.

Музояда 14 январи соли 2013 соати $10^{00}$ дар шаҳри Душанбе бо суроғаи: хиёбони Рӯдакӣ 44 барпо мегардад. Барои иштирок шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ даъват мешаванд. Бақайдгирии иштирокчиён бо суроғаи нишондодашуда дар рӯзи корӣ гузаронида шуда, як соат пеш аз саршавии музояда ба охир мерасад. Музояда мувофиқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши иншоотҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №98 аз 1 марти соли 2004 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Низомномаро аз Корхонаи воҳиди давлатии фурӯши амволи давлатӣ ва намояндагиҳои (филиалҳои) дар маҳалҳо воқеъбудаи он харидан мумкин аст. Ҳамаи хоҳишмандон ҳуқуқ доранд дар рӯзҳои корӣ бевосита ба корхонаҳое, ки саҳмияҳояшон барои фурӯш дар музояда гузошта шудааст, рафта, бо фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо шинос шаванд. Барои бақайдгирӣ дар музояда иштирокчиён ҳуҷҷатҳои дар Низомнома нишондодашударо пешниҳод менамоянд ва кафолатпулиро ба миқдори 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот пардохт мекунанд. Кафолатпулӣ тариқи нақдӣ рӯзҳои корӣ дар суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 қабул карда мешавад ва як соат пеш аз саршавии музояда қатъ мегардад.

Пардохти ғайринақдӣ ба суратҳисоби 20202972710600000929, ҳ/м. 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226 филиали «Ориёнбонк»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ қабул карда мешавад ва як рӯз пеш аз оғози музояда қатъ мегардад. Кафолатпулие, ки ғолиб супоридааст, ба нархи хариди лот ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши саҳмия месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

**ЭЗОҲ:** КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ба дуруст будани қарзҳои кредиторӣ кафолат намедиҳад.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Расположенный по адресу: город Душанбе, проспект Рудаки 44, тел: 221-73-74, факс 221-49-87.**

### Объявляет англиский аукцион №2/1 по продаже принадлежащих государству акций акционерных обществ (АО)

На торги выставляются 100 процентов акции Открытого акционерного общества «Тамокубарори Душанбе» в 1 -ом лоте, со стартовой стоимостью 3 000 000 сомони.

Место расположения: город Душанбе, улица Телмана 31. Количество акций всего в 1 лоте составляет 1528 штук. Вид деятельности предприятия: разработка и производство табачного изделия. Кредиторская задолженность ОАО - 21053595 сомони.

Аукцион состоится 14 января 2013 года $10^{00}$ часов в городе Душанбе по адресу: проспект Рудаки 44. Для участия приглашаются физические и юридические лица. Регистрация участников производится по адресу проведения аукциона в рабочее время и заканчивается за час до начала аукциона. Аукцион проводится в соответствии с «Положением о порядке продажи объектов государственной собственности на аукционах» утвержденное Постановлением Правительства Республики Таджикистан за №98 от 1 марта 2004 года. Текст положения может быть приобретен у ГУП по организации продаж госимущества и его территориальных филиалах.

Для ознакомления с финансово-хозяйственной деятельностью предприятий, акции которых выставляют на аукцион, все желающие имеют право доступа на предприятие в рабочее время. Для регистрации участников в аукционе необходимо представить документы указанные в Положении и оплатить гарантийный взнос (ГВ) в размере 350 показателей для расчетов за один лот.

ГВ принимается наличными в рабочее время по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44 и заканчивается за час до начала аукциона. Безналичная оплата производится на расчетный счет: 20202972710600000929. к/сч. 20402972413691. БИК 350101369. ИНН 020015226 филиал «Ориёнбанка» района Исмоили Сомони и заканчивается за день до начало аукциона.

ГВ Победителя аукциона засчитывается в счет оплаты цены продажи лота. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере пяти процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можно получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**ПРИМЕЧАНИЕ:** ГУП по организации продаж госимущества не гарантирует достоверность данных кредиторских задолженностей.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 январи соли 2013 музоядаи №2-ро оид ба фурӯши воситаҳои асосии ҶДММ «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка» - «ТоҷАм», ки бо қарори Суди иқтисодии вилояти Суғд барҳам дода шудааст, баргузор менамояд

| т/р | Номгуйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Воситаҳои асосии ҶДММ «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка»- «ТоҷАм» | ш. Исфара | 1500 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. Тел: 221-73-74, 221-16-14, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 14 января 2013 года проводит аукцион №2 по продаже Основных средств ООО «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка»-«ТоҷАм», ликвидированного Экономическим судом Согдийской области

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Основные средства ООО «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка» - «ТоҷАм» | г. Исфара | 1 500 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, г. Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж госимущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр. Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87, г. Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91,** на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW. muzoyada-kvd tj,** а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**

## ТАСҲЕҲ

Дар Даъватномаи иштироки озмун тахти №3434/2-907, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» санаи 8 декабри соли 2012 тахти №149 (2976) нашр шудааст, дар сутуни Миқдор ба ҷойи 90, 96 хонда шавад.

## ЭЪЛОН

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди Корхонаи муштараки «Анзоб» ба маълумоти ҳама мерасонад, ки бинобар сабаби ба муҳри амалкунандаи корхона ворид намудани Рақами ягонаи мушаххаси корхона (РЯМ) муҳри амалкунанда аз рӯзи интишори эълони мазкур эътибор надорад.

## ЭЪЛОН

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав оид ба таъмиру барқарорсозӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани бахши ҷарроҳии Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав бо таҷҳизоти муосир тибқи лоиҳаи кишвари Ҷопон 26 декабри соли 2012, соати $10^{00}$ **ТЕНДЕР** баргузор менамояд.

Нишонии баргузории тендер: ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи Исмоили Сомонӣ №117.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

- Шаҳрванд Артиқова Муҳаббат Файзалиевна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0052786 бо РЯМ 0930023179 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 22 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- Шаҳрванд Юсупов Абдумаҷид, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0087204 бо РЯМ 0930027010 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 21 майи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- ҶДММ «Беҳбуд-зода» бо РЯМ 1510001277, воқеъ дар ноҳияи Варзоб, деҳаи Зимчуруд, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

- Шаҳрванд Назаров Исматулло, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0094079 бо РЯМ 0230017123 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 1 марти соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- Шаҳрванд Одинаев Бозмаҳмад Файзмаҳмадович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0201319 бо РЯМ 0430103465 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1 феврали соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- ҶДММ «Судайшана» бо РМА 030012395, воқеъ дар кӯчаи Фирдавсӣ 45, ҳуҷраи 14, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

- Шаҳрванд Масиева Фируза Рустамовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0055491 бо РМА 025139108 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 14 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- Шаҳрванд Назаров Суҳроб Музафарович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0180145 бо РЯМ 0130051048 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 8 сентябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Шиносномаи техникии № 337-и гумшудаи мағозаи хӯрокворӣ, ки онро КФБТ-и ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон бо суроғаи деҳаи Қизил-Куч, Ҷамоати деҳоти Янги-йӯли ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон 8 октябри соли 2010 ба номи Чиллаева Гулхумор додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0210042 бо РЯМ 1530013238-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 1 феврали соли 2012 ба Содиқов Ғолибҷон додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0010835 бо РЯМ 1530001165-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 28 сентябри соли 2009 ба Бобокалонов Камол Ҳақназарович додааст, эътибор надорад.
- Патенти № 0121673 бо РЯМ 0630003495-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Роғун 2 сентябри соли 2010 ба Сангинов Талабшо Партовович додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии № ДО 8610-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2008 ба Кенҷаев Раҳмиддин Абдуҳомидович додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0094954 бо РЯМ 0130025335-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 24 феврали соли 2009 ба Шарапов Муҳаммад Аҳмадович додааст, эътибор надорад.
- Ваколатномаи тахти феҳристи № 19П-678-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 20 феврали соли 2012 ба Ҳабибов Исломиддин Боқиевич додааст, эътибор надорад.
- Патенти №0038780 бо РМА 355084162-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷомӣ 19 феврали соли 2010 ба Суфиев Хушвахт Ҳомидович додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0052564 бо РЯМ 0930021070-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 15 апрели соли 2010 ба Турсунов Маҳмадкул додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии №042/07-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2007 ба Нуманов Ҷамшед Олимович додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0087393 бо РЯМ 0930028532-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 28 майи соли 2010 ба Аннаев Эркинжон додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0022542 бо РЯМ 0330004345-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 3 декабри соли 2009 ба Ибронова Ширинхон додааст, эътибор надорад.
- Аттестати № 071673-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон 5 июни соли 1984 ба Шарипов Муҳабат додааст, эътибор надорад.
- Шиносномаи техникии дорои рақами бақайдгирии № 28784-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Гипрозем, бинои 32, ҳуҷраи 23-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1992 ба Шарипов Абдураҳим додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи хариду фурӯши тахти феҳристи № 8Д-1-854-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Гипрозем, бинои 32, ҳуҷраи 23-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28 октябри соли 1992 ба Шарипов Абдураҳим додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии №4528317-и гумшуда, ки онро Донишкадаи исломии Тоҷикистон соли 2010 ба Вазирова Сарвиноз додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии №112112-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2010 ба Фирдавси Вализод додааст, эътибор надорад.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони тандурустии Тоҷикистон аз вафоти бемаҳали доктори илмҳои биологӣ, профессор, собиқадори соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИСМОИЛОВА ЛОЛА ИСМОИЛОВНА**

андӯҳгин буда, ба аҳли наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 20 декабри соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха

Навбатдори шумора А. Мӯсоев

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова